**Иқтибос аз протоколи № 5**

маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз 30-уми декабри соли 2022

**Иштирок доштанд:** раиси Шӯрои олимони факултет дотсент Раҳимов И. ва 20 нафар аъзои Шӯро, роҳбари илмии диссертант профессор Ғаффорова У.А., диссертант Саидғанизода С.

**РӮЗНОМА:**

**8. Масъалаҳои ҷорӣ**

**8.1. Таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи филологияи араб “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

**ШУНИДА ШУД:** декани факултети забонҳои шарқ дотсент Раҳимов И. баъди тасдиқи рӯзномаи ҷаласа қайд кард, ки диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи филологияи араб, Саидғанизода С. дар мавзӯи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” барои ташхиси экспертии давраи дуюм ба Шӯрои олимони факултет пешниҳод шудааст. Аз рӯйи Низомномаи Шӯрои диссертатсионии дифои рисолаҳои номзадӣ бояд ду нафар мутахассис-эксперти холис таъин карда шаванд. Номзадии олимони зерин ба вазифаи эксперти холис пешниҳод карда шуд, ки мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи адабиётшиносӣ: **Нуров Н.Н.** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон

Ғафуров» ва **Исмаилова М.О.**– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Номзадҳои пешниҳодшуда аз ҷониби ҳозирин дастгирӣ ёфтанд.

Натиҷаи райъдиҳии кушод: тарафдор 21 нафар, зид – "нест", бетараф – "нест".

**БАРОМАД КАРДАНД:** роҳбари илмии унвонҷӯ профессор Ғаффорова У.А., дотсенти кафедраи филологияи араб Ҳомидиён Ҳ. Роҳбари илмии унвонҷӯ профессор Ғаффорова У.А. дар баромади худ зикр дошт, ки интихоб гардидани **Нуров Н.Н.** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва **Исмаилова М.О.**– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.ба ҳайси муқарризони холис бамаврид мебошад.

Дотсенти кафедраи филологияи араб Ҳомидиён Ҳ. иброз намуд, ки муқарризони дар боло номбаршуда дуруст интихоб шудаанд, зеро онҳо дар соҳаи мавриди тадқиқ корбарӣ намуда, худ соҳибунвон гардидаанд. Мо умед дорем, ки онҳо рисолаи номзадии Саидғанизода С.-ро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷабҳаҳои масъалаи номбурдашударо мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

Бо назардошти ақидаҳои аъзои Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷӣ **ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Баромади декани факултети шарқ,. дотсент Раҳимов И. роҷеъ ба таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи филологияи араб дар мавзӯи "Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси

2. Олимони зерин ба сифати муқарризони давраи дуюми экспертизаи диссертатсияи унвонҷӯ Саидғанизода С. дар мавзӯи “Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ” тасдиқ карда шаванд.

1) **Нуров Н.Н.** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

2) **Исмаилова М.О.**– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Аз Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) хоҳиш карда шавад, ки қарори мазкурро дастгирӣ намояд.

**Раиси маҷлис, дотсент:** **Раҳимов И.У.**

**Котиби маҷлис, номзади илми филология:** **Содиқова Р.**

**“Имзоҳои И.У.Раҳимов ва Содиқова Р.-ро тасдиқ мекунам”.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**